Барои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар мақоми баланди ҳокимияти судӣ дар ҷомеа хос аст, зеро суд арзишҳои олӣ – инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро, ки вазифаи муқаддаси давлат аст, риоя ва ҳифз менамояд. Баробарии дигар шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ нигоҳ медорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон




# МИЗОНИ ҚОНУН

НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026




## СУДЯ БОЯД БО ФАРҲАНГИ БАЛАНД, ГУФТОРУ РАФТОРИ ХУД ВА РИОЯИ ОДОБИ НАМОЯНДАИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ НАМУНАИ ИБРАТИ ДИГАРОН БОШАД.

АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:




ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

с.2



НИШАСТИ МАТБУОТӢ: НАҚШИ СУД ДАР ТАТБИҚИ АДОЛАТ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА НАЗАРРАС МЕБОШАД

с.3



ШИРКАТ ВА СУХАНРОНИИ МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ СУДИ ОЛӢ ДАР ҶАЛАСАИ ТАВЗЕҲОТИИ ПАЁМ ДАР ШАҲРИ НОРАК

с.4



СУХАНРОНИИ СУДЯИ СУДИ ОЛӢ ДАР ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

с.6

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026

МАШВАРАТ



# ИШТИРОК ДАР ҶАЛАСАИ ШУРОИ АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН

**19-уми феврали соли 2026 дар шаҳри Душабе, таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шурои амният муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Шурои амнияти кишвар баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласаи Шурои амнияти кишвар Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Рустам Пираҳмад инчунин, аъзои Шурои амният, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ, роҳбарони баъзе вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуданд.



Дар ҷаласа ҳисоботи роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ оид ба фаъолияти онҳо дар соли 2025 шунида шуда, вобаста ба вазъи мураккаби ҷаҳонӣ барои таҳкими амнияти давлат ва ҷомеа, таъмини волоияти қонун, мубориза бо ҷинояткорӣ, терроризм, экстремизм, қочоқ ва дигар таҳдидҳо супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони сохторҳоро вазифадор намуданд, ки фаъолияти худро ҷиҳати тарбияи кадрҳо, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо, омода намудани мутахассисони соҳибкасб дар самти истифодаи таҷҳизоту технологияҳои муосир, рушди саноати мудофиавии кишвар, рақамикунонӣ ва таъмини амнияти киберии давлат, инчунин, баланд бардоштани сатҳи касбият, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳисси миллӣ ва таҳкими худшиносию худогоҳии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти хифзи ҳуқуқ ба таври ҷиддӣ тақвият бахшанд.



Оид ба масъалаҳои дар ҷаласаи Шурои амният муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

"Мизони қонун"

МАҶЛИС

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



6-уми феврал дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор шуд.

Тибқи рӯзнома дар ҷаласа 32 масъала баррасӣ гардид.

Аъзои Шурои Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраргардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи маблағҳои фонди захиравии Бонки миллии Тоҷикистон», ки дар шакли мукаммал қабул гардидааст, инчунин, як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои меҳнат, манзил, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, об, шаҳрсозӣ ва нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор доданд.



Дар идомаи ҷаласа аз ҷониби аъзои Шӯро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварии пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилоти маводи таркандаи таъиноти гражданӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳокима карда шуданд.



Тибқи рӯзномаи ҷаласа аъзои Шуро пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи бозхонд ва интихоб намудани судяҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ баррасӣ карданд.

Ҳамчунин, оид ба ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 қарори дахлдори Шӯрои Маҷлиси миллӣ қабул гардида, бо тартиби муқарраргардида барои баррасӣ ба иҷлосияи панҷуми Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуд.

НИШАСТИ ХАБАРӢ

# НИШАСТИ МАТБУОТӢ: НАҚШИ СУД ДАР ТАТБИҚИ АДОЛАТ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА НАЗАРРАС МЕБОШАД



**12-уми феврали соли 2026 дар бинои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 – уми марти соли 2005, таҳти №АП – 1677 ҷиҳати ташкил ва баргузории нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо нишасти матбуотии Мирзозода Рустам Пираҳмад, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ дар соли 2025 баргузор гардид.**

Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ Ализода Зариф, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ , муовинон, раисони коллегияҳо, судяҳо ва сардорони раёсатҳои Суди Олӣ, инчунин намояндагони васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Нишасти матбуотӣ таҳти раёсати Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, зимнан муҳтарам Мирзозода Рустам Пираҳмад дар ҳузури намояндагони матбуот ва расонаҳои ахбори омма оид ба на-





тиҷаҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ дар соли 2025 гузориши мушаххас баён намуданд.

Дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2025 аз ҷониби судҳо дар марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ, дар маҷмуъ, 153.150 (169614) адад парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, дархостҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, пешниҳодҳои муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрочиёни Хадамоти иҷро баррасӣ карда шуданд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16.464 адад кам мебошад.

Аз шумораи умумии парвандаҳои баррасигардида дар марҳилаи якум, 15.316 (13326) ададро парвандаҳои маданӣ, 47.141 (46063) ададро парвандаҳои оилавӣ, 13.799 (12036) ададро парвандаҳои ҷиноятӣ, 51.431 (75379) ададро парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, 8117 (8255) ададро дархости мақомоти тафтиши пешакӣ ва 8410 (6995) ададро пешниҳодҳои сохтору мақомоти дахлдор ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки тибқи муқаррароати Конститутсия ва қонунҳо вазифаҳои ҳокимияти судӣ аз ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва таъмини конунияту адолат дар ҷомеа иборат буда, дар ин самт корҳои муайяне амалӣ карда шуданд.

Ин нишондодҳо нисбат ба соли 2024 мутаносибан бо парвандаҳои маданӣ 1990 адад зиёд, нисбат ба парвандаҳои оилавӣ 1078 адад зиёд, нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ 1763 адад зиёд ва нисбат ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 23.948 адад кам мебошанд.

Вобаста ба риоя накардани Қонун «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1297 (1435) адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати 1297 (1435) шахс баррасӣ шуда, аз онҳо ба 1268 (1409) шахс ба маблағи умумии 10.989.681 (11.095.560) сомонӣ ҷарима татбиқ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷиҳати риоя накардани Қонун «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба 10536 (33150) адад расида, аз ин шумора нисбати 8561 (23670) шахс ҷарима ба маблағи умумии 6.957.634 (6.031.831) сомонӣ таъйин карда шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки 31.558 (30150) адад парвандаҳо дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ гардида, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо аз ҷониби судҳо бо аҳолии кишвар 14.933 (13294) суҳбату вохӯриҳо баргузор карда шуда, 5626 (4796) маротиба дар телевизион ва радио баромадҳо доир намуда, 2130 (1800) мақола дар рӯзномаҳо ба нашр расонида шудааст.

Дар ин давра судҳо аз ҳисоби боҷи давлатӣ, ҷарима, мусодираи молу мулк, зарари ба давлат расонидашуда ба фоидаи давлат маблағи умумии 216 млн. 395 ҳазору 177 (125млн.606 ҳазору 063) сомонӣ рӯёниданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 90 млн.789 ҳазору 113 сомонӣ зиёд мебошад.

Судҳои ҷумҳурӣ доир ба масъалаҳои қабули таъинотҳои хусусӣ, гузаронидани ҷамъбасти амалияи судӣ ва ирсоли пешниҳодҳо ба мақомоти дахлдор нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беҳтар фаъолият намуданд.

Аз ҷумла, баҳри бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор, судяҳои ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 31679 (29128) адад таъиноти хусусӣ бароварда, 962 (860) ҷамъбасти амалияи судиро гузаронида, ба мақомоти дахлдор 1626 (1457) адад пешниҳод ирсол намуданд, ки ин нишондиҳандаҳо мутаносибан нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2551 адад таъиноти хусусӣ, 102 адад ҷамъбасти амалияи судӣ ва 169 адад пешниҳод судӣ зиёд мебошанд.





Бо мақсади дар амал татбиқ намудани «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи мазкур, судяҳои ҷумҳурӣ дар як қатор ҷамоату шаҳракҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо шаҳрвандон вохӯрию суҳбатҳо доир намуда, доир ба мазмуну муҳтавои Конститутсия, қонунҳои кишвар, аз ҷумла Қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва дигар қонунҳои амалкунанда ва ҳамзамон вобаста ба дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ анҷом доданд.

Тариқи шабакаи телевизиони «Тоҷикистон» бо иштироки судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо 26 (24) адад барномаи ҳуқуқии «Мурофиа» ва тариқи шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» 30 (30) барнома таҳти унвони «Ҳуқуқи Шумо» пешкаши тамошобинон гардонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз фаъолияти судҳои ҷумҳурӣ 54 (62) адад барномаи иттилоотӣ-таҳлилии «Додгоҳ» сабт ва тариқи телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахш гардидаст.

Дар ин давра, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо ташаббуси Радиои «FM-Ховар»-и Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» зери унвони «Маърифати ҳуқуқӣ», бо иштироки судяҳо 38 (24) барнома сабт ва дар мавҷи радиой пахш карда шудаст.

Илова бар ин, бо фармоиши Раиси Суди Олӣ аз 10-уми феврали соли 2025 гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба ҷорӣ намудани коргузории электронӣ таъсис дода шуда, вазифаи аввалиндараҷаи гурӯҳи корӣ дар пайвастшавӣ ба Ҳукумати электронӣ, тақвият ёфтани кори сомонаҳои судҳо, таҳия намудани барномаи махсуси «E-COURT» ва рушди экосистемаи рақамии судӣ муайян гардидааст.

Барномаи “E-COURT” ба сифати як воситаи асосии рақамикунонии коргузорӣ имконият фароҳам меоварад, ки раванди ҳуҷҷатгузорӣ пурра дар шакли электронӣ ба роҳ монда шуда, назорат, арзёбӣ ва таҳлили фаъолияти кормандон шаффоф гардонида шавад.

Инчунин, бо мақсади амалисозии дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 бармеоянд ва бо дарназардошти он, ки солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардиданд, роҳбарияти Суди Олӣ тасмим гирифтааст, ки фаъолияти минбаъдаи худро пурра ба низоми рақамӣ мутобиқ намояд.

Бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ дар нимсолаи якуми соли 2026 бо қарори Раёсати Суди Олӣ аз 9 январи соли 2026 амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шуда, иҷрои саривақтии он таҳти назорати доимии роҳбарияти Суди Олӣ қарор дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки баъд аз пешниҳоди маълумот оид ба фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 намояндагони ВАО саволҳои худро манзур намуданд, ки ба ҳамаи саволҳои додашуда аз ҷониби муҳтарам Мирзозода Рустам Пираҳмад, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобҳои мушаххас дода шуд.

**“Мизони қонун”**

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026

ШАРҲУ ТАВЗЕҲ

# ШИРКАТ ВА СУХАНРОНИИ МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ СУДИ ОЛӢ ДАР ҶАЛАСАИ ТАВЗЕҲОТИИ ПАЁМ ДАР ШАҲРИ НОРАК

**7-уми феврали соли 2026 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак вохўрӣ бо намояндагони касбу кори гуногун ва фаъолони шаҳр баргузор гардида, дар он Шавкат Лутфуллозода, муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдулло Раҳмонзода, муовини Раиси вилояти Хатлон ва Иброҳим Мирзозода, раиси шаҳри Норак иштирок намуданд.**



Вохўриро Иброҳим Мирзозода, раиси шаҳри Норак ифтитоҳ намуда, мақсад аз вохўрии





мазкурро тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву сиёсӣ ва таҳкими фазои солими иҷтимоӣ дар ҷомеа арзёбӣ намуд.

Дар идомаи вохўрӣ муҳтарам Шавкат Лутфуллозода, муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, вобаста ба маърифати ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва таъмини раванди ташаккули маънавӣ-ҳуқуқии инсон, таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон ибрози андеша намуд.

Зимни суханронӣ Абдулло Раҳмонзода, муовини Раиси вилояти Хатлон доир ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи дурусти насли наврас, таҳкими арзишҳои миллӣ, риояи расму ойинҳои миллӣ, ҷалби духтарон ба омўзиши ҳунарҳои мардумӣ, пешгирии ҷудошавии оилаҳои ҷавон, никоҳи хешутаборӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар тарбияи кўдак ва муқовимат ба падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ ибрози назар намуд.

Дар фарҷоми суханрониҳои хеш маърўзадорон нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишварро шарҳу тавзеҳ дода, масъулинро ҷиҳати иҷрои босамари дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифадор намуданд.

"Мизони қонун"

# СУДИ НОҲИЯИ РЎДАКӢ: ТАВЗЕҲИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МИЁНИ МАРДУМ

**5-уми феврали соли равон бо мақсади шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати омўзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷамоати Сарикиштии ноҳияи Рўдакӣ вохўриву мулоқот анҷом дода шуд.**





Маврид ба зикр аст, ки дар ин вохўрии тавзеҳотӣ судяҳои суди ноҳия Шаҳло Турсунзода ва Сайёд Содиқзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Ҳомидзода Насимҷон, муовини раиси ноҳия Исмоилзода Зарина, сардори Раёсати маорифи ноҳия Баҳриддин Қодирзода ва ҳамчунин намояндагон аз дигар сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ширкат намуданд.

Дар вохўрӣ табодули афкор сурат гирифта, масъалаҳои марбут ба татбиқи амалии дастуру супоришҳои Пешвои миллат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

"Мизони қонун"

# СУДЯҲОИ СУДИ ОЛӢ ВА ҶУМҲУРӢ: ТРЕНИНГИ ОМЎЗИШӢ ДАР МАВЗУИ БАРОБАРӢ ВА ТАБЪИЗ





**Шуруъ аз 1-ум то 7-уми феврали соли 2026 дар осоишгоҳи Сароб тренинги омузишӣ таҳти унвони “Баробарӣ ва ҳифз аз ҳама гуна шаклҳои табъиз” баргузор гардида, дар кори он 40 нафар судяҳои судҳои ҷумҳурӣ фаъолона ширкат намуданд.**

Мебояд таъкид кард, ки дар кори тренинги омўзишӣ Аланазарзода Шароф, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати устод изҳори назар намуда, зимнан аз нуктаҳои асосии қонунгузории миллӣ ва дигар ҷанбаҳои мухталифи баробарӣ ва аломатҳои табъиз ёдовар шуда, табодули таҷрибаи ҷаҳониро афзал арзёбӣ намуд.

Тренинги мазкур бо мақсади амалисозии бандҳои нақшаҳои миллии амал вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба рафъи табъизи нажодӣ барои солҳои 2024-2027 ва барҳам додани табъиз нисбат ба занон барои солҳои 2025-2032 нақшагирӣ шуда буд.

Зимни баргузории тренинг судяҳо оид ба масъалаҳои стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз, намудҳои табъиз ва аҳамияти фарқгузорӣ, механизмҳои ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз ва амсолу шабеҳи онро мавриди омузиш қарор доданд.

“Мизони қонун”

ФАЪОЛИЯТ ВА НАТИҶАГИРӢ

# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ҲАРМОҲАИ СУДЯҲОИ СУДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ОН

**30-юми январи соли чорӣ дар толори маҷлисгоҳи бинои Кохи фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар машғулияти семинарии моҳонаи нақшавии судяҳои суди вилоят ва судҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барои моҳи январи соли 2026 баргузор гардид.**

Дар семинари мазкур судяҳои масъул тибқи нақшаи баргузории машғулиятҳои семинарӣ дар мавзуъҳои гуногун баромад намудан.

Инчунин дар семинар яккатор масъалаҳое, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо ба миён меомаданд, аз ҷумла дуруст татбиқ намудани меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ, даст назадан ба кирдорҳои пастзанандаи шаъну шарафи судягӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар судҳо, хушмуомила будан бо шаҳрвандон ва сари вақт бо сифат баррасӣ намудани парвандаҳо ва коркарди сомонаҳои расмии судҳо мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

"Мизони қонун"





# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ҲАРМОҲАИ СУДЯҲОИ СУДИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ОН

**30-юми январи соли 2026 дар маҷлисгоҳи суди вилояти Суғд семинари омӯзишии соҳавӣ таҳти раисии Суҳроб Рушанзода, Раиси суди вилояти Суғд, Парвиз Мирзозода, Раиси суди иқтисодии вилояти Суғд сурат гирифта, дар кори он муовинони раис ва судяҳои суди вилоят, раисон, муовинон ва судяҳои судҳои шаҳру ноҳияҳо ва судяҳои суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд, инчунин кормандони дастгоҳи суди вилоят ва судҳои шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.**

Семинарро Раиси суди вилояти Суғд оғоз намуда, зимни суханронии хеш вобаста ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар намуда, қайд намуд, ки Паёми Пешвои муаззами миллат ибораи муқаддас ва пуршарафи масъулияти ватан¬созиву давлатсозиро ифода карда, дар замири ҳар як фарди ватандӯст ҳисси масъулиятмандӣ ва ватандӯстиро афзун мегардонад.

Ҳамзамон дар идома Раиси суди вилоят ҳар як судҳои шаҳру ноҳияҳоро таъкид намуд, ки дар асоси нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии Суди Олӣ, нақшаи дохилиидоравии худро таҳия, тасдиқ ва саривақт иҷроиши онро таъмин намоянд.

Дар идомаи семинари мазкур аз ҷониби судяҳо дар мавзуъҳои “Омӯзиши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми декабри соли 2025 ва амалӣ кардани вазифаҳои дар он зикргардида”, “Ҳуқуқ ба моликият, асосҳои ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи моликият», Омӯзиши қарори Пленуми Суди Олӣ “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои оид ба ҳуқуқи моликият ба хонаи истиқоматӣ пайдо мегарданд (банди 39 Консепсия)”, “Ҷавобгарии маъмурӣ (моддаҳои 22-33 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, “Аъзои оила эътироф намудан ва маскун намудан дар манзили истиқоматӣ (вобаста ба тағйироти воридшуда ба моддаи 24-и Кодекси манзил)”, “Шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ, ҳуҷҷатҳое, ки ба аризаи даъвогӣ замима мегарданд, тартиби қабул ва оғози парвандаи иқтисодӣ, таҳияи таъиноти судӣ оид ба қабули аризаи даъвогӣ ва оғоз кардани истеҳсолоти парванда бо мисолҳои мушаххас” ва таҳлили сабабҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии санадҳои судӣ маърӯзаҳо намуданд.





"Мизони қонун"

# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ҲАРМОҲАИ СУДЯҲОИ СУДИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ОН

**30-юми январи соли 2026 дар бинои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон семинари моҳи январи соли 2026 баргузор гардид.**







Маврид ба зикр аст, ки семинари омӯзишӣ таҳти раисии Умарзода Фирдавс Таваккалхуҷа, Раиси суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сурат гирифта, дар он роҳбарият, судяҳо ва котибони суд, раисони судҳои шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва судяи суди ҳарбии гарнизони Хоруғ ширкат намуданд.

Дар семинари мазкур Юсуфбекзода Роҳила Юсуфбек, судяи суди шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар мавзуи «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ» тибқи моддаҳои 72,73,74 ва 75-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Баҳриддинзода Ҳилол, Раиси суди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар мавзуи Фарзандхондии кӯдак дар асоси боби 29 ва моддаҳои 274-280-и КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 19-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар интиҳои семинари омӯзишии моҳонаи нақшавӣ Миршарифзода Сайдалӣ, судяи суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба муҳтавои мавзуъҳои маърузашуда, хулосаи ниҳоӣ иброз намуд.

"Мизони қонун"

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026

ИСТИҚЛОЛ

# ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Истиқлол - ҳамчун раванди таърихию иҷтимоӣ ва сиёсӣ хусусияти давомдор дошта, ҳар марҳилаи он вобаста ба хусусиятҳои худ фарқкунанда мебошад. Соҳибистиқлол гаштан, ин марҳилаи аввали расидан ба ҳадафи худсозӣ маҳсуб ёфта, тавассути ҳамгироии зичи ҷомеа, талошҳои созанда ва руҳияи истиқлолхоҳӣ ба даст меояд. Ин раванд арзишманд ва рушдёбанда буда, доимо ҳифз ва мустаҳкамгардонии он зарур аст.**

Истиқлоли давлатӣ дастоварди бузург дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Мафҳуми «Истиқлол» дар асл арзишмандтарин неъмат ва шумор меравад. Он ба рушди босуботи кишвар, баландшавии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ мусоидат мекунад. Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандорӣ буда, ба миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик имкон дод, ки номаи тақдирашро бо дасти худ навишта, роҳ ва мавқеи муносиб дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кунад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис- тон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-солагии истиқлоли давлатӣ иброз доштанд: «Маҳз ба шарофати истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ узвияти комилҳуқуқ ва як овози баробар дорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кишвари моро мешиносад ва пешниҳодҳои онро дастгирӣ менамояд. Мо, бояд ба қадри ин неъмати муқаддас расем, барои ҳифзи дастоварди таърихӣ ҳамеша омода бошем ва сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳким бахшем».

Бо назар андохтан ба таърихи навини давлатдории тоҷикон, марҳилаи нави эҳёи миллат маҳз аз Истиқлол сарчашма мегирад. Дар масири давлатсозӣ андешидани чораҳои иқтисодию ҳуқуқӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ қадами аввал ва асосӣ маҳсуб мешавад. Аз соли 2000 таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси барномаи дарозмӯҳлати Созмони Милали Муттаҳид – «Рушди ҳадафҳои ҳазорсола» татбиқи се ҳадафи стратегӣ: «Баромадан аз бунбас- ти коммуникатсионӣ», «Таъмини амнияти озуқаворӣ», «Истиқлоли энергетикӣ» ва ниҳоят «Саноатикунонии босуръати кишвар» оғоз гардид.

Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои муҳими стратегии кишвар маҳсуб ёфта, аз рӯзҳои аввали соҳибис- тиқлолӣ зери таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти давлат қарор дошт. Сохтмони роҳу пулҳо имкони ҳамоҳангсозии минтақаҳои гуногуни кишвар ва мусоидат ба омаду рафти сокинонро фароҳам овард. Бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ нақбҳо, роҳҳои оҳан ва роҳҳои мошингарди миллӣ ва байналмилалӣ ба монанди пули «Дӯстӣ», роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Қулма» ва дигар иншоот сохта шуд. Ин лоиҳаҳо рафтуомади аҳолӣ ва ҳамлу нақли борро беҳтар намуда, сатҳи иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардумро баланд бардоштанд.

Истиқлоли энергетикӣ низ яке аз ҳадафҳои стратегӣ мебошад. Тадриҷан бо заҳмату талош- ҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи соҳибистиқлолӣ НБО «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», хатҳои интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол», 220 кВ «Лолазор-Хатлон» ва НОБ «Роғун» ба истифода дода шуданд. Иншооти бузург ба таъмини истиқлоли энергетикӣ ва рушди инфрасох- тор мусоидат карданд ва Тоҷикистонро дар миёни кишварҳои олам ҳамчун таҷрибаи пешрафта муаррифӣ намуданд.

Ҳамзамон, таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегӣ мебошад. Пешрафти соҳаи кишоварзӣ омили асосии



Мунира ҚУРБОНАЛИЗОДА, судяи суди шаҳри Душанбе

таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», Қонун «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» ва «Барномаи таъмини амнияти озуқаворӣ 2019-2024» қабул гардида, истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзиро дастгирӣ мекунанд.

Саноатикунонии босуръати кишвар низ ҳадафи муҳими Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Пешвои миллат қайд кардаанд, ки рушди соҳаи саноат ва инноватсия имконият медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ фароҳам оварда шаванд. Дар давраи соҳибис- тиқлолӣ зиёда аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо фароҳамсозии 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта ва ба истифода дода шудааст.

Дар заминаи сиёсати хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷи- кистон бо аксар давлатҳои минтақа ва ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ барқарор намуд. «Сиёсати дарҳои боз», ки аз соли 2003 роҳандозӣ шудааст, мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ устувор гардонид. Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, мустақил, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ шудааст. Пешвои миллат ташаббусҳои байналмилалиро дар соҳаи об, аз ҷумла «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ва «Соли ҳифзи пиряххо», роҳандозӣ намуданд, ки Созмони Милал онҳоро дастгирӣ кард.

Дар натиҷа, самараи нек ва дастоварди бузурги истиқлол он аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар ҷаҳон ҳамчун давлати сулҳхоҳ ва сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гардида, ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

ВАҲДАТ

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ОЯНДАИ ДУРАХШОНРО КАФОЛАТ МЕДИҲАД

**Ваҳдати миллӣ имрӯз ҳамчун як падидаи нодири таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки нақши бузург ва сарнавиштсоз дар наҷоти миллат ва таҳкими пояҳои давлатдории навин бозидааст. Пас аз ба даст овардани истиқлоли комил, Роҳбари давлат тавонист мардуми пароканда ва ҷангзадаи тоҷикро дубора сарҷамъ намояд ва роҳи осоиштаву рушднокро интихоб кунад. Барои ҳар як давлати миллӣ, ягонагии халқ ва суботи сиёсӣ омили муҳим ва асосӣ барои бақои он ба шумор меравад. Аз ҳамин ҷост, ки дар Тоҷикистон ваҳдати миллӣ ҳамчун замина ва сутуни асосии истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодӣ эътироф шудааст.**

Маълум аст, ки баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, кишвари мо ба ноором шадиди сиёсӣ дучор гардида, ба гирдоби ҷанги шаҳрвандии харобиовар гирифтор шуд. Мухолифатҳои дохилӣ ҳазорҳо шаҳрвандонро маҷбур сохт, ки Ватанро тарк намуда, дар кишварҳои дигар паноҳ баранд. Танҳо дар солҳои 1992–1993 шумораи гурезагону муҳоҷирони иҷборӣ ба беш аз 900 ҳазор нафар расид. Ин нишондиҳанда фоҷеаи бузург ва шикасти муваққатии низоми ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он рӯзҳо дар остонаи нобудӣ қарор дошт ва агар тадбирҳои фаврӣ андешида намешуданд, эҳтимол дошт, ки давлат аз харитаи сиёсӣ маҳв гардад.

Дар ҳамин шароити душвор Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ки воқеан рӯйдоди таърихӣ ва наҷотбахш ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари давлат интихоб гардиданд. Ӯ бо иродаи қавӣ ва ҳисси баланди ватандорӣ роҳеро пеш гирифтанд, ки ҳадафи асосии он хотима бахшидан ба ҷанг ва таъмин намудани сулҳи воқеӣ, инчунин барқарории давлатдории устувор буд. Аввалин сухане, ки ба ҳайси сарвари давлат ба мардум изҳор намуданд, чунин буд: «Ман омода ҳастам, ки барои сулҳи Тоҷикистон ҷони худро фидо кунам». Ин сухан ҳамчун рамзи муҳаббат ба Ватан ва ваъдаи барқарории оромӣ дар қалби ҳазорҳо шаҳрванд умед ба оиндаро бедор кард.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ирода ва дурандешии худ ин масъулияти таърихиро ба анҷом расониданд. Натиҷаи ниҳоии ин раванд 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шаҳри Москав ҷамъбаст гардид.

Аз он замон Тоҷикистон ба марҳилаи нави таърихӣ — сулҳ, созандагӣ ва иттиҳоди миллӣ ворид гардид. То имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчун намунаи беназир барои ҳалли моҷароҳои дохилӣ дар арсаи байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор дорад. Бо шарофати ин сулҳ, имрӯз Тоҷикистон ҳамчун як кишвари амн ва суботнок, ки бо беш аз 150 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дорад, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ устувор намудааст. Истиқлоли давлатии тоҷикон маҳз бо шарофати ваҳдати миллӣ таҳким ёфта, минбаъд низ рушд хоҳад кард.



Дилшод ҲАКИМЗОДА, муовини якуми Раиси суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Ваҳдати миллӣ – ифодакунандаи якпорчагии миллат, шинохти арзишҳои миллӣ ва кафолати ояндаи равшани давлат ба ҳисоб меравад. Дар замони имрӯза, ки таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва равандҳои ифротӣ фазои сиёсии минтақаро ноором мекунанд, ҳифзи ваҳдати миллӣ рисолати муқаддаси ҳар як шахси ватандӯст мебошад.

Ҳамаи ин дастовардҳо ба талошҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иродаи халқи тоҷик ва сабақҳои таърихие, ки аз рӯзҳои сахту сангин гирифта шудаанд, вобастаанд.

Имрӯз ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд хушёрӣ ва зиракии сиёсӣ дошта бошад, то сулҳу оромӣ, ваҳдат ва арзишҳои истиқлолро ҳифз намояд ва барои ояндаи ободу шукуфо саҳми арзандаи худро гузорад. Ваҳдат неъмати бебаҳо ва дастоварди бузургест, ки танҳо бо фидокорӣ, хирад ва муҳаббати миллӣ ба даст омада, сазовори қадршиносӣ мебошад.

Дар замоне, ки дар гӯшаву канори ҷаҳон оташи ҷангҳо фурӯзон аст, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд мувофиқи гуфтаҳои Роҳбари давлат амал намояд, то сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ чун арзишҳои олӣ ҳифз гарданд ва барои ояндаи ободу шукуфо саҳми худро гузорад.

ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

# ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Ҳамзамон бо эълони истиқлолият дар кишвари озоду соҳибитиёри мо фазои нави ҳуқуқӣ ташаккул ёфт, ки ба низоми миллии қонунгузорӣ асос гузошт ва мақому эътибори ҳокимияти судиро ба сатҳи шоиставу арзанда баланд бардошт.**

Агар ба раванди мавҷудияти ҳокимияти судӣ дар замони истиқлолият назар афканем, маълум мегардад, ки сараввал фаъолият ва мақоми ҳокимияти судӣ дар Конститутсия ҷойгоҳи хос ва боэътибор пайдо намуд. Чунин муқаррароти сатҳи олии ҳуқуқӣ имкон фароҳам овард, ки судҳо дар иҷрои уҳдадориҳояшон дар самти таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар асоси талаботи қонунҳои танзимкунандаи фаъолияташон амал намоянд.

Баланд бардоштани мақому ҷойгоҳи ҳокимияти судӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои фаъолияти он маҳз тавассути таваҷҷуҳи пайваста ва дастгирии доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амри воқеӣ шуд.

Вобаста ба ин, Пешвои муаззами миллат таъкид доштанд, ки: «Баъди қабули Конститутсияи кишвар ва ҳамчун шохаи мустакили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардидани суд давлат ҷиҳати таҳкими асосҳои он пайваста таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд.

Дар ин раванд давра ба давра татбиқ шудани ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ ва дар доираи он такмилу таҳким бахшидан ба сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ, мустаҳкам намудани асосҳои моддиву техникии онҳо ва беҳтар кардани вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии судяҳо аз ҷумлаи ин тадбирҳо ба шумор меравад».

Воқеан ҳам тайи солҳои истиқлолият давлат барои мустаҳкам намудани заминаҳои моддӣ – техникии фаъолияти судҳо, баланд бардоштани музди меҳнати судяҳо тадбирҳои муҳимеро амалӣ намуд. Инчунин заминаҳои меёърӣ – ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судӣ мукаммал гардида, биноҳои судҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва бинои хуштарҳу муҷаҳҳази Суди Олӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар айёми озодиву истиқлоли Ватан таҳия ва амалӣ гардидани Барномаҳои ислоҳоти судӣ-хуқукӣ дар маҷмуъ як марҳилаи сифатан навро дар таърихи ҳокимияти судии кишварамон оғоз бахшид.

Мутобиқи Барномаҳои ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади баланд бардоштани мавқеи ҳокимияти судӣ, таъмини мустақилияти судӣ ва қонунӣ будани қарорҳои судҳо, ки намоёнгари пойдории адолати судӣ мебошанд, чандин чораандешиҳои ҳуқуқӣ, сохторӣ ва амалӣ ба нақша гирифта шуданд ва амалӣ гардиданд. Бар асоси талаботи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар қадами аввал бо мақсади фароҳам сохтани заминаи лозимии қонунӣ барои дигаргунсозиҳо ба чандин қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ҳокимияти судӣ тағироту иловаҳо ворид гардид.

Шарофати истиқлоли давлатӣ ва баракати Ваҳдати миллист, ки имрӯз суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амал карда, дар раванди ҳифзи ҳуқуқҳои шахс ҷойгоҳ ва мақоми марказиро дорост. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути амалӣ намудани адолати судӣ, таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият намуда, бо ин роҳ дар мустаҳкам намудани пояҳои Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ватанамон саҳми арзанда мегузорад.

Маҳз аз ин ҷост, ки эътимоди мардум ба фаъолияти судҳо афзун гардида, ҳамаи баҳсу мушкилоти худро тариқи баррасии судӣ расмият бахшиданианд. Гувоҳи ин гуфта зиёд шудани теъдоди муроҷиати шаҳрвандон ба зинаҳои гуногуни ҳокимияти судии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар чунин ҳолат шаҳодати баланд рафтани савияи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар ба шумор меравад, ки ҳамаи баҳс, нофаҳмӣ ва дигар печидагиҳои зиндагии худро бо роҳи ҳуқуқӣ, тариқи мизони муқарраркардаи қонун ҳаллу фасл карданианд. Чунин ҳол боиси қаноатмандист, зеро он волоияти қонунро, ки аз нишонаҳои муҳими давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад, тақвият бахшида, сифатҳи қонунписандӣ ва соҳибҳуқуқиро дар ҷомеа тарғиб ва пойдор менамояд.

Кормандони ҳокимияти судӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи хизматии хеш бо ҳисси масъулиятшиносии баланд, дарки муқаддасоти касбӣ тамоми азму талоши лозимро равона намуда истодаанд, то эътимоди мардум ба ҳокимияти судӣ доимо боло бошад, меъёри адолати судӣ ҳамеша тантана кунад ва ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олӣ устувору побарҷо ва бегазанд боқӣ монад.

Зеро, танҳо бо ин роҳ кормандони



Суҳроб РУШАНЗОДА,
Раиси суди вилояти Суғд

ҳокимияти судӣ метавонанд дар раванди рушди миллӣ, саодати мардум, расидан баояндаи дурахшон, тадбиқи ҳадафҳои стратегии кишварамон саҳм гузоранд ва боварии мардумро ба фардои накӯ ва тараққиёти кишварамон, инчунин таъмини зиндагии шарафмандони аҳолии мамлакатамон қавӣ гардонанд.

Ҷомеаи имрӯза ва низому сохтори амалкунандаи давлатдориро бе фаъолияти ҳокимияти судӣ наметавон тасаввур намуд. Зеро имрӯз бинобар гуногунпаҳлӯ ва печида гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ниёз ба нақши судҳо дар баррасӣ ва баҳои қонунӣ додан ба зуҳуроти гуногуни ҷомеа, ки муҳокимаи судиро тақозо доранд, торафт афзуда истодааст. Чунин талаботи афзоянда нисбати фаъолияти судяҳо, аз онҳо нерӯи қавии хизматӣ, донишу таҷрибаи мукаммал, қабули қарори одилона ва бар адолати судӣ асосёфта, муносибати масъулиятнок бо иштирокчиёни мурофиаҳои судӣ, садоқати касбӣ ва эҳсоси худшиносию ватандӯстиро тақозо дорад. Хушбахтона, имрӯз иқтидори кадрии ҳокимияти судии Тоҷикистон бо мутахассисони варзида, ҳуқуқшиносони баландихтиссос ва пайваста такмилдиҳандаи донишу малакаи касбии худ пурра гардида истодааст.

Дар ин раванд нақш ва ҳиссагузории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо намоён аст, чунки ин сохтор тавонист низоми судии Тоҷикистонро муттаҳид сохта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти судҳоро ба роҳ монда, ҷиҳати такмили ихтисоси онҳо чорабиниҳои иттилоотӣ ва маърифатии натиҷабахшро амалӣ созад.

Бо боварӣ ва эътимод метавон зикр намуд, ки минбаъд низ кормандони ҳокимияти судии кишварамон фаъолияти хизматии худро дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ба роҳ монда, садоқатмандона уҳдадориҳои вазифавиашонро анҷом дода, баҳри баланд бардоштани малакаи касбӣ ва дониши тахассусиашон азму кӯшиши пайваста намуда, поквиҷдонона даст ба амали созанда ва ватандӯстона мезананд ва бо ин восита саҳми арзандаашонро дар пешрафту шукуфоии Ватани азизамон гузошта, мавқеъ, мақом ва эътибори низоми судии ҷумҳурии соҳибихтиёрамонро боз ҳам боло хоҳанд бардошт.

# НАҚШИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ СИЁСАТИ ДОХИЛИВУ ХОРИҶӢ

**Омӯзиши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар аз 16-декабри соли 2025 ва амалӣ кардани вазифаҳои дар он зикргардида**

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 яке аз муҳимтарин санадҳои сиёсиву стратегӣ маҳсуб меёбад, ки на танҳо натиҷаҳои рушди кишварро дар як сол ҷамъбаст мекунад, балки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро барои марҳилаи минбаъдаи давлатдорӣ муайян месозад. Ин паём дар шароите ироа гардид, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва иқлимӣ рӯ ба рӯ аст ва дар чунин вазъ муайян намудани мавқеи устувори миллӣ аҳамияти ҳаётан муҳимро доро аст.

Санаи 16-уми декабри соли 2025 дар толори Парлумони Тоҷикистон ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Дар Паём ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешбурди самараноки сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат, энергетика, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, маориф ва илму фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷавонону варзиш ва сайёҳӣ, андозу гумрук, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, рушди муносиботи дӯстию ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, вазифаҳои мушаххасро муайян намуданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2025-ро барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон боз як соли таърихӣ номиданд.

Роҳбари давлат дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ ва санаҳои хотирмон андешаронӣ намуда, баргузории интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро яке аз чорабиниҳои муҳими сиёсӣ номиданд.

Ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ, аз руйдодҳои муҳими соли 2025 номида шуд.

Гуфта шуд, ки дар сатҳи байналмилалӣ пешниҳодҳои кишвари мо эътироф ва қабул гардид, аз ҷумла қабули қатъномаҳо доир ба “Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ”, “Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ”, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хутали қадим ва қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун “Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ”.

Ба андешаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир андешаронӣ карда, вазифа гузоштанд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз саҳми бахши хусусӣ дар пешрафти кишвар ёдовар шуда, ба ҳукумати ҷумҳурӣ дастур доданд, ки барои осон намудани дастрасии бахши хусусӣ ба захираҳо, хизматрасониҳои давлатӣ, иттилоот, воситаҳои арзони молиявӣ, технологияҳо ва донишҳо барои баланд бардоштани рақобатнокӣ, таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таҳкими мавқеъ дар бозорҳои ватаниву хориҷӣ тадбирҳои муассир андешад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти идомаи ислоҳот ва зарурати тақвияти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, Ҳукумати кишварро вазифадор намуданд, ки Барномаи нави рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2026-2030-ро дар муҳлати кӯтоҳ қабул ва татбиқ намоянд.

Ҳамчунин, пешниҳод гардид, ки барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад.



Диловар МИРЗОҲОМИДЗОДА,
Раиси суди шаҳри Хуҷанд

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорон ва мардуми шарифи Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар таҷдиду сохтмони роҳҳо, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ва дигар корҳои ободониву бунёдкорӣ миннатдорӣ баён намуданд.

Аз ин рӯ, баҳри амалӣ намудани вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро зарур аст, ки вазифаҳои дар Паём зикргардидаро бо масъулияти баланди касбӣ иҷро намуда, баҳри баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии худ, алалхусус омӯзиши забонҳои хориҷӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро зарур аст, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои дар Паём ироагардида дар ташкилоту муассисаҳо, кумитаҳои маҳал ва муассисаҳои таълимӣ мунтазам вохӯриву суҳбатҳо ташкил намуда, ба самъи сокинон нуқтаҳои асосии Паёми сарвари давлатро расонида, дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саҳмгузор бошанд.

Дар суди шаҳри Хуҷанд, ки қисми таркибии ҳокимияти судӣ мебошад, вобаста ба амалӣ намудани вазифаҳои дар Паём зикргардида нақшаҳои корӣ ва нақшаҳои кории иловагии дахлдор тартиб дода шуда, судяҳо ва кормандони дастгоҳи суд мунтазам вобаста ба масъалаҳои зикргардида корбарӣ менамоянд.

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026

МИНБАРИ СУХАН

# СУХАНРОНИИ СУДЯИ СУДИ ОЛӢ ДАР ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**12-13-уми феврали соли 2026 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳамоиши байналмилалӣ таҳти унвони “Дастовард ва чолишҳо дар раванди амалишавии сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон” баргузор гардид.**





Дар ҳамоиши мазкур ба ҳайси намоянда Ҳаким Рухшона Аскар, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуда, доир ба нақши судҳои ҷумҳурӣ дар таъмини баробарии ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсии мардону занон ибрози ақида намуд.

Ҳамоиш бо мақсади вазъи иҷрои санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баробарҳуқуқии мардону занон ҷиҳати мусоидат дар таҳкими тавонмандии ҷомеа баргузор гардид.

“Мизони қонун”

# СУДИ НОҲИЯИ СИНО: ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - РОҲНАМОИ РУШДИ ҶОМЕА

**5-уми феврали соли 2026 бо ташаббуси Раиси суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо мақсади омӯзиши самараноки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамоиши омӯзишӣ баргузор гардида, дар кори ҳамоиш Раиси суди ноҳия, муовинони раис, судяҳо ва кормандони дастгоҳи судӣ иштирок намуданд.**





Маврид ба зикр аст, ки дар ҷараёни ҳамоиш муҳтавои асосии Паёми Пешвои миллат мавриди баррасӣ қарор гирифта, самтҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ, энергетика, сиёсати давлатии ҷавонон, таҳкими оила, пешгирии амалҳои номатлуб, баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳии наврасону ҷавонон, инчунин вусъат бахшидани корҳои созандагиву бунёдкорӣ муҳокима гардид.

Ҳамзамон дар идомаи ҳамоиш судяи суди ноҳия Раҳмон Далер Сафарбек зикр кард, ки дар робита ба эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ҳар як шаҳрванд бояд дар ободонӣ ва пешрафти Ватани азизамон саҳми арзанда гузорад.

Дар анҷоми ҳамоиш ба масъалаҳои дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матраҳ гардида, таваҷҷуҳи вижа зоҳир гардида, гуфта шуд, ки ин мас- ъалаҳо ҳамчун омили асосии ҳифзи истиқлол, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва дар рушди устувори кишвар мавқеи хосса доранд.

"Мизони қонун"





**СОМОНА ВА ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛ АСТ**

*Ба таваҷҷуҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад, ки сомонаи расмӣ sud.tj ва почтаи электронии расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони info@sud.tj ҳамеша фаъол буда, ҳангоми пеш омадани зарурат, Шумо метавонед тавассути почтаи электронӣ мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед.*


МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №3 (03) | 26 ФЕВРАЛИ 2026




**НАШРИЯИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Мирзозода**
**РУСТАМ ПИРАҲМАД**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфуллозода**
**ШАВКАТ**
муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тағозода**
**АБДУҚАҲҲОР САИДМУРОД**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҷабзода**
**ҲОТАМ НАЗАР**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси коллегияи ҳарбӣ
**Маҳмадуллозода**
**НЕЪМАТУЛЛО ҲИКМАТУЛЛО**
Роҳбари дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Орзумуродов**
**ҲИЛОЛУТДИН**
Ёрдамчии Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
**ҲАБИБУЛЛО САТТОРӢ**

Нашрия таҳти рақами 545/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

Суроғаи мо:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко 55, 734042

E-mail: info@sud.tj
Тел: +992 (37) 221-13-96
Факс: +992 (37) 221-13-96

**Адади нашр:**
**1500 нусха**